## Меъёри бозтамвил то 12,25 фоизи солона паст карда шуд

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати 1,0 банди фоизӣ паст намудани меъёри бозтамвил ва дар сатҳи 12,25 фоизи солона нигоҳ доштани он қарор қабул гардид.

***Раванди таваррум ва омилҳои таъсиррасон.*** Тибқи маълумоти расмӣ дар моҳҳои январ-октябри соли 2019 сатҳи таваррум раванди нисбатан болоравиро дошта, ба 6,6 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба соли қаблӣ 1,9 банди фоизӣ зиёд мебошад. Раванди таварруми солона бошад ба нишондиҳандаи дурнамошуда наздик гардида, ба 7,3 фоиз баробар шуд.

Таъсири омилҳои кӯтоҳмуддати мавсимӣ, коҳиш ёфтани пешниҳоди бархе аз маҳсулоти хӯроквории дар дохили кишвар истеҳсолшаванда, болоравии нархи воридотии маводи хӯроквори, инчунин баланд шудани нархи хизматрасониҳои пулӣ (манзилӣ-коммуналӣ) боиси боло рафтани сатҳи таварруми солона дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ гардид. Дар нимсолаи дуюм мувофиқ ба интизориҳо таъсири омилҳои мазкур нисбатан коҳиш ёфта, сатҳи таваррум ба раванди муқаррарии худ баргашт.

***Интизориҳо ва хавфҳо.*** Тибқи таҳлилҳо ва маълумоти ташкилотҳои байналмилалӣ новобаста аз боқӣ мондани хавфҳои сиёсию молиявӣ дар ҷаҳон, нисбатан ба эътидол омадани рушди иқтисодиёти шарикони асосии савдо, беҳтар гардидани вуруди сармоя ва тағйирёбии қурби асъор дар назар аст. Илова ба ин, пешбурди сиёсати монетарии Бонки марказии Амрико (FRS) метавонад сабаби устувор гардидани қурби пули миллӣ ва муътадил шудани сатҳи таваррум дар минтақа гардад.

Аз тарафи дигар, эҳтимолан омилҳои марбути дохилии ғайримонетарӣ, бахусус зиёд шудани даромаднокии аҳолӣ, вусъатёбии таъсири омилҳои мавсимии кутоҳмуддат дар бозорҳои дохилӣ, баланд шудани нархҳои маъмурӣ, таъсири болоравии нархи ҷаҳонии бархе аз маҳсулоти хӯрокворӣ ба нархи дохилӣ таъсир хоҳад расонид.

Бо дарназардошти "эффекти базавӣ" ва таъсири хавфҳои эҳтимолии хусусиятҳои берунӣ ва дохилидошта сатҳи таварруми солона дар семоҳаи аввали соли 2020 раванди нисбатан болоравиро дошта, дар давраи миёнамуҳлат ба ҳудуди муқарраршудаи нишондиҳандаи мақсаднок нигоҳ дошта мешавад.

***Мавқеи сиёсати пулию қарзӣ.*** Бо таваҷҷуҳ ба омилҳои эҳтимолии дар боло зикршудаи ғайримонетарӣ ва шокҳои кӯтоҳмуддат, меъёри бозтамвил, ҳамчун инъикоскунандаи  мавқеи сиёсати пулию қарзӣ дар сатҳи муносиб (neutral level) каме пасттар, 12,25 фоизи солона муайян карда шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки меъёри бозтамвил фишанги  калидии танҳо амалиётҳои сиёсати пулию қарзӣ маҳсуб ёфта, дар асоси таҳлилҳои ҳамаҷонибаи нишондиҳандаҳои мақсаднок, хавфҳои эҳтимолии пешбинишаванда  ва мавқеи сиёсати пулию қарзӣ муқаррар мегардад.

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи миёнамуҳлат идома дода, меъёри бозтамвилро бо дарназардошти баҳодиҳии хавфҳои таваррумӣ, раванди таваррум ва дурнамои он дар ҷаласаҳои навбатии Кумита баррасӣ хоҳад кард.